*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

27 апрели соли 2024

№ 8-9 (198-199)

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 15 апрели соли 2024, №215, ш. Душанбе**

Дар бораи ректори Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи технологии Тоҷикистон” таъин намудани Раҳмонзода З.Ф.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Раҳмонзода Зоир Файзалӣ ректори Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи технологии Тоҷикистон” таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**

## МУАРРИФИНОМА



Раҳмонзода Зоир Файзалӣ 8-уми январи соли 1981 дар ноҳияи Фархори вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Соли 2003 Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат (хозира-Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон)-ро (рӯзона) бо ихтисоси иктисодчӣ-информатик хатм намудааст.

Номзади илмҳои иқтисодӣ (соли 2011), дотсент (соли 2019), айни ҳол докторант-унвонҷӯи соли охири Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон буда, дар мавзӯи “Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ” рисолаи докторӣ омода намуда истодааст.

Аъзои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе (солҳои 2015-2020), вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати шашум (аз соли 2020 то имрӯз) мебошад.

Барои хизматҳои арзандааш бо медали ҷашнии «30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 2021), ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон дар соҳаи илм ва техника (соли 2013), нишонҳои «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 2014), «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 2018), медали ҷашнии «10-солагии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 2018) сазовор гардидааст.

Соли 2022 бахшида ба 30-солагии АБД ИДМ бо Нишони сарисинагӣ аз номи В. И. Матвиенко-Раиси Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федеролии Федератсияи Русия, Ифтихорномаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Таҷикистон (соли 2022), медали ҷашнии «30-солагии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 2023), инчунин бо Диплом ва Нишони сарисинагии «Корманди бехтарини илмӣ дар соли 2023» байни муассисаҳои илмию таълимии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз тарафи Ассотсиатсияи ҳаракати умумимиллии «Бобек»-Алмаата 2023 сарфароз гаштааст.

### ТАҲСИЛ ВА СОБИҚАИ КОРӢ

Солҳои 1998-2003 донишҷӯи Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон. Аз соли 2003 то соли 2013 дар Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон дар вазифаҳои устод – коромӯзи кафедраи риёзиёти олӣ ва информатика; муҳандис – барномасози компютерҳо; муаллими калони кафедраи тархрезӣ ва технологияҳои иттилоотӣ; директори Маркази иттилоотӣ – иртиботӣ; декани факултети соҳибкорӣ ва бизнес; мудир ва дотсенти кафедраи низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт содфилонаю содиқона фаъолият кардааст.

Солҳои 2013-2017 дар вазифаҳои директори Коллеҷи омори шаҳри Ваҳдат, дотсенти кафедраи низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; солҳои 2017-2020 раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, дотсенти кафедраи технология ва системаҳои информатсионӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон кору фаъолият намудааст.

Аз соли 2020 то имрӯз вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи технология ва системаҳои информатсионӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон; аз 15-уми апрели соли 2024 ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мебошад.

Раҳмонзода Зоир Файзалӣ 17-уми марти соли 2020 дар ҷаласаи якуми иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум аъзои Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин интихоб гардида, дар пешниҳоди қонунҳои мукаммали зерин саҳмгузорӣ намудааст:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи парандапарварӣ».

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираҳои генетикӣ».

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳоҷагии ёрирасони шахсӣ».

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи моҳипарварӣ, моҳигирӣ ва ҳифзи захираҳои моҳӣ».

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ».

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряххо».

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бехатар бо организмҳои аз ҷиҳати генетикӣ тағйирдодашуда».

Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар пешниҳоди тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунандаи зерин:

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳоҷагии ёрирасони шахсӣ»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи худудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шикор ва ҳоҷагии шикор»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизат ва истифодаи олами наботот» саҳми арзишманд гузоштааст.



Дар толори асосии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо иштироки Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Раҳмонзода Абдулло, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷӯразода Ҷамшед Ҳабибулло маросими муаррифии ректори тозатаъини донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ сурат гирифт.

Абдулло Раҳмонзода - ректори навтаъини донишгоҳро ба муносибати сазовор гардидан ба эътимоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон табрик гуфта, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба таъин намудани ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ироа намуд.

Гуфта шуд, ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҳамчун маркази бонуфузи илмӣ-таълимӣ давоми фаъолияти кадрҳои арзандаву мутахассисони ҳирфавиро тарбия намудааст, ки дар рушди соҳаи маориф ва илми мамлакат хидмати шоиста кардаанд.

Дар фарҷом Раҳмонзода Зоир Файзалӣ ба Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати боварӣ ба ин вазифаи пурмасъул изҳори миннатдорӣ намуд.

## ТАБРИКОТИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ РАҲМОНЗОДА ЗОИР ФАЙЗАЛӢ БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ПОЙТАХТ

**Омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни гиромӣ!**

Аввалан, ҳамаи шуморо аз номи раёсати донишгоҳ ба ифтихори Рӯзи пойтахт, ки ҳамасола рӯзи шанбеи хафтаи сеюми моҳи апрел ҷашн гирифта мешавад, самимона табрику муборакбод гуфта, ба ҳар кадоматон тансиҳатӣ, рӯзгори хушу босаодат ва дар кору фаъолиятатон, ки ба нафъи халқу ҷомеа равона гардидааст, барору комёбӣ орзу менамоям.

Боиси ифтихори ҳар як тоҷику тоҷикистонист, ки пойтахти кишварамон – шаҳри Душанбе бо талошу заҳматҳои шабонарӯзии Президенти маҳбуби кишварамон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ рӯз то рӯз ободу зебо гардида, ба макони баргузории чорабиниҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангию варзишии сатҳи минтақавию байналмилалӣ табдил ёфтааст.

Имрӯз бо ифтихор метавон гуфт, ки пойтахти мамлакатамон - Душанбе натанҳо дар радифи пойтахтҳои пешрафтаи давлатҳои Осиёи Марказӣ, балки дар қатори кишварҳои тараққикардаи олам қарор дорад.

Душанбе натанҳо рамзи муқаддасоти давлатдорӣ ва симои Тоҷикистони соҳибистиқлол, балки ифодагари мероси маънавию таърихии халқи тоҷик аст. Аз ин ҷост, ки мо ҳамагон онро дӯст медорем ва барои ободӣ ва пешрафту шукуфоиаш сидқан заҳмат мекашем.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон иброз доштанд, “Дар ҷаҳон пойтахтҳои зебову маҳбуб хеле зиёданд, вале барои мо – тоҷикон, табиист, ки пойтахти азизамон – шаҳри Душанбе аз ҳама зеботару маҳбубтар аст. Воқеан ҳам, дар таърихи ҳар халқу миллат пойтахт дар самти рушду такомули давлатдорӣ, пешрафти ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳанги он нақши калидӣ мебозад. Дар ин раванд, шаҳри Душанбе ҳамчун маркази давлати соҳибистиқлоли тоҷикон рисолати хеҷро дар бобати рушди самтҳои мухталифи ҳаёти мамлакат муваффақона иҷро мекунад“

Пойтахти кишварамон-Душанбешаҳр, ки воқеан ҳам қалби Тоҷикистони соҳибистиқлол аст, ба шаҳри гулҳо, шаҳри орзуҳо, шаҳри сулҳу дӯстӣ ва бародарӣ табдил ёфта, тавассути мардуми заҳматкаш ва масъулиятшиносаш боз ҳам ободтару зеботар гардида истодааст, ки дар ин ҷода саҳми Шумо омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни гиромӣ низ арзанда аст.

Бори дигар Рӯзи пойтахтро бароятон муборакбод мегӯям!

# ҶАЛАСАИ ВАСЕИ КОРИИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ

Дар ҷаласаи васеи кории ректори донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ, ки 16-уми апрели соли 2024 доир гардид, муовинони ректор, деканони факултетҳо, мудирони кафедраҳо, мудирони бахшҳо ва як қатор сардорони марказҳои донишгоҳ ширкат намуданд.

Ректори донишгоҳ саравал аз дастуру супоришҳо ва





ташаббусҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар гардида, таъкид намуд, ки мо бояд ҳамчун пайравони асосии Пешвои муаззами миллат тамоми дастуру супоришҳои Роҳбари давлатро самимонаю содиқона иҷро намоем ва он масъалаҳоеро, ки Пешвои миллат дар Паёми навбатии худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон, дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини мамлакат иброз доштанд, сармашқи кори ҳамарӯзаи худ қарор диҳем. Ҷиҳати тарбияи донишҷӯёни донишгоҳ дар руҳияи ватандӯстӣ ва худшиносиию худогоҳии миллӣ талош варзем. Кӯшиш намоем, ки ҷавонони мо худогоҳ бошанд, ҳушёриву зиракии сиёсиро аз даст надода, фирефтаи ваъдаҳои беасосу бардурӯғи намояндагони ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои террористию ифротгарой нагарданд. Бештар илм омӯзанд ва аз техникаю технологияи муосир дуруст истифода баранд.

Раҳмонзода Зоир Файзалӣ доир ба масоили омода намудани кадрҳо, бахусус мутахассисони рақобатпазири соҳаи саноат, зиёд намудани сафи олимони ҷавон, баланд бардоштани сифати таълим, тартибу интизом дар донишгоҳ, тақвият бахшидани корҳо дар самти технологияҳои муосир, ҷоннок намудани корҳои тарғиботӣ ҷиҳати ҷалби довталабон ба донишгоҳ, густариши робитаҳои байналмилалӣ ва дигар масъалаҳои ба ҷараёни таълиму тарбия алоқаманд, ибрози андеша намуда, ба масъулини сохторҳои донишгоҳ супоришҳои мушаххас доданд.

**Р. МАСЪУД**

# ШИНОСОИИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ БО ФАЪОЛИЯТИ ЛИТСЕЙИ ИННОВАТСИОНИИ «ДУШАНБЕ»-И НАЗДИ ДОНИШГОҲ



Санаи 18-уми апрели соли 2024 ректори донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ бо мақсади шиносоӣ бо фаъолияти Литсейи инноватсионии «Душанбе»-и назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, аз ҷумла рафти машғулиятҳо, омодагии хонандагон ба дарсҳо, имконияту дастовардҳо ва шароити мавҷудаи раванди таълиму тарбияи хонандагони ин муассисаи таълимӣ дидан намуданд.

Ректори донишгоҳ бо як гурӯҳ хонандагон ва омӯзгорону кормандони литсей воҳӯрда оид ба шароити таҳсил, омодагӣ ба машғулиятҳо, тарзи риоя намудани сару либоси тавсияӣ ва дигар масоили марбут ба соҳаи таълиму тарбия суҳбат намуданд.

Ҳамзамон, вобаста ба фанҳои омӯхташаванда бо хонандагон суҳбати озод баргузор гашта, дар доираи эълон гардидани солҳои 2020-2040 – “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ аз худ намудани фанҳои математика, физика, химия, биология тавсияҳо дода шуд. Зоир Файзалӣ ба директори Литсей барои ҷалби бештари хонандагон ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ки талаботи бозори имрӯзаи озоди меҳнат ба шумор рафта, омӯзиши он аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид мегардад, дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Дар ҷараёни шиносоӣ бо мақсади боз ҳам пурзӯр намудани риояи тарзи дурусти либосҳои тавсиявӣ барои хонандагон, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, таъкиду супоришҳо дода, Раёсати литсей вазифадор карда шуд, ки Нақшаи ташкили воҳӯриҳоро бо хонандагони синфҳои болоӣ дар мавзӯи пешгирии ҳар гуна зуҳуроти номатлуб, аз ҷумла бегонапарастӣ, тақлид ба сару либос ва фарҳанги бегона, хуллас, дар руҳияи ватандӯстӣ ва худшиносию худогоҳии миллӣ тарбия намудани наврасону ҷавонон ва дигар корҳои фаҳмондадиҳӣ, ки омили муҳимми пешрафти кору фаъолияти литсей ва ҷомеа мегарданд, баргузор намоянд.

# ТОҶИКОНА МЕПӮШЕМ



Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати пешгирии бегонапарастӣ ва тарғиби либоси миллӣ дар доираи Аксияи «Тоҷикона мепушем» Озмуни донишгоҳии «Беҳтарин тарғибгари либоси миллӣ” роҳандозӣ гардид, ки ҳадафи асосии он ҳифзи арзишҳои миллӣ, эҳёи либосҳои миллии тоҷикӣ мебошад. Дар озмун факултетҳои донишгоҳ ширкати фаъолона доштанд.

Маврид ба зикр аст, ки тамоми устодону донишҷӯёни факултетҳо либоси миллӣ ба бар намуда, ба ин васила тарғиби либосҳои миллиро ба роҳ монданд. Аз донишҷӯдухтарон даъват ба амал оварда шуд, ки ба бегонапарастӣ ва дигар зуҳуроти номатлуб роҳ надода, ҳангоми таҳсил Дастурамали либосҳои тавсиявии аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардидаро риоя намоянд. Дар фасли баҳор ҳамаи донишҷӯдухтарон либосҳои миллии атласу адрас, чакан ва либосҳои дигари нақши миллидоштаро ба бар намоянд.

Риояи дастурамали либосҳои тавсиявӣ ҳамарӯза аз ҷониби масъулини сохторҳои тарбиявии донишгоҳ ва факултетҳо назорат карда мешавад.

**Шоҳзода Назира,**
**мудири бахши кор бо занон ва духтарони донишгоҳ**

*КОНФЕРЕНСИЯИ ҶУМҲУРИЯВИИ ИЛМӢ -АМАЛӢ*




# ҚУЛФКУШОИ ҲАМА ДАРҲОСТ ИЛМ

**Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм,**
**Қулфкушои ҳама дарҳост илм.**

26 - уми апрели соли 2024 дар толори маҷлисгоҳи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар доираи ҳафтаи илм Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ -амалӣ дар мавзӯи “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” - асоси саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо иштироки олимон, омӯзгорон, докторантону магистрантони донишгоҳ ва донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ баргузор гардид.

Конференсияро муовини ректор оид ба илм ва татбиқот Абдулазиз Ғаффоров ҳусни оғоз бахшида, меҳмононро ба ҳозирин муаррифӣ намуд ва суханро ба ректори донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ во гузошт.

Ректори донишгоҳ зимни сухани ифтитоҳӣ иброз намуд, ки мароми асосии чорабинии мазкур пеш аз ҳама амалисозиву омодагии ҳамаҷониба ҷиҳати расидан ба масъалагузориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳадафи чоруми миллӣ, яъне саноатикунонии босуръати кишвар ва “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” эълон гардидани солҳои 2020-2040 мебошад. Дар робита ба ин, -гуфт ӯ, - боварӣ дорам ки конференсияи имрӯза дар ҳалли масоили матраҳшаванда мусоидати бештар менамояд. Ректори донишгоҳ дар фароварди суханаш ба кори конференсия бароро комёбӣ таманно намуд.

Сипас, сардори раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Ниёзӣ табрикоти вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзодаро ба самъи иштирокчиёни конференсия расонида, баргузории чунин як конференсияи бонуфузро дар мавзӯи “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” - асоси саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон” иқдоми самаранок маънидод карда, дар баробари нек арзёбӣ намудани дастгириҳои вазорат оид ба пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишгоҳ, саҳми ДТТ дар тайёр кардани кадрҳои баландихтисос ва рушди босуръати саноатикунонии кишвар, пешниҳодҳои муфид иброз намуд.

Сармутахассиси раёсати муассисаҳои илмию таълимии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмоналӣ Давлатов табрикоти вазири саноат ва технолгияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Шералӣ Кабирро ба иштирокчиёни конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ расонда, доир намудани конференсияи бонуфузро” иқдоми саривақтию самаранок арзёбӣ намуд.

Мувофиқи барномаи конференсия дар ҷаласаи ифтитоҳӣ аз тарафи олимони донишгоҳ 5 маърӯзаи илмӣ пешниҳод гардид, ки ҷолибу пурмазмун ва қобили баҳсҳо буданд. Аз ҷумла маърӯзаҳои илмии А.Рауфӣ, д.и.и., профессори кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинг дар мавзӯи «Мавқеи инфрасохтор дар тезонидани индустриализатсияи иқтисодиёти Тоҷикистон», Мирзоев С. Ҳ., д.и.т., и. в. профессори кафедраи система ва технологияҳои иттилоотӣ дар мавзӯи «Модели математикии ифлосшавии ҳавои атмосфера аз тӯфончангҳо (дар мисоли шаҳри Душанбе)», Икромӣ Х. И., н.и.т., и.в.дотсенти кафедраи технологияи истеҳсоли маводи хӯрока дар мавзӯи «Ғилзати сафедавӣ аз зардоби шир бо усули диаултраполоиш», Набиев А. Ғ. н.и.т., и.в.дотсенти кафедраи технологияи маснуоти нассоҷӣ дар мавзӯи «Таҳияи либосҳои болопӯши кешбофӣ бо технологияи захирасарфаҷӯӣ» ва Шарифзода И. У., н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ, дар мавзӯи «Худшиносии миллӣ - ҳамчун иммунитети иҷтимоӣ дар баробари хатарҳои муосири сиёсӣ».

Баъдан, доир ба маърӯзаҳои илмӣ музокираҳо сурат гирифтанд.

Дар хотимаи ҷаласаи пленарии конференсия Раҳмонзода Зоир Файзалӣ ба меҳмонон ва маърӯзачиён барои маърӯзаҳои пурмазмун, баён кардани андешаҳои ҷолиб ва манзур намудани пешниҳодҳои судманд изҳори сипос намуд.

Нимаи дуюми рӯзи 26-уми апрел ва нимаи аввали рӯзи 27-уми апрел конференсия кори худро тибқи барнома дар бахшҳои зерин идома дод:

Бахши 1:Таъмини амнияти озуқаворӣ дар шароити рақамикунонии саноати хӯрокворӣ.

Бахши 2:Татбиқи технологияи сабз ва расидан ба ҳадафҳои рушди устувор дар соҳаи саноати сабуки Тоҷикистон.

Бахши3: Саҳми технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бахши 4: Самтҳои асосии рушди босуръати саноат ва такмилдиҳии сохтори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бахши 5: Ҳамбастагии илмҳои табиӣ-риёзӣ ва гуманитарӣ дар ташаккули худшиносии миллӣ ва раванди саноатикунонии кишвар.

# ДУШАНБЕ – ҚАЛБИ ТОҶИКИСТОН

Душанбе шаҳри калонтарини ҷумҳурӣ, маркази илму фарҳанг-пойтахти Тоҷикистон мебошад. Ин шаҳри зебову дилоро таърихи худро дорад. Баъди Инқилоб, яъне соли 1924 дар Осиёи Миёна тақсимоти миллии марзӣ сурат гирифт. Халқҳои минтақа ба давлатҳои хурди миллӣ тақсим гаштанд. Аз ҷумла, тоҷикон низ пойтахти давлати худро аз Бухоро ба Душанбе оварда, онро маркази Тоҷикистон эълон доштанд. Халқи тоҷик аз ин бохти таърихӣ руҳафтода нашуда, баҳри эъмори Душанбеи азизаш камари ҳиммат баст. Оҳиста- оҳиста деҳаи хурди Душанбе симои худро дигар карда, тадриҷан ба шаҳри бузург мубаддал гашт. Баъди ҷумҳурии иттифоқӣ ном гирифтани он эътибори Душанбе афзуда, соли 1929 номи Сталинободро гирифт. Соли 1961 аз нав номи қадимааш барқарор карда шуда, қомат афрохта, қабои рангин дар бар кард. Хонаҳои серошёна, қасру толорҳои барҳаво, театр, биноҳои маъмурию фарҳангӣ ҳамон солҳо сохта шудаанд. Илова бар ин, шаҳри Душанбе маркази сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ мебошад.

Дар канори ин шаҳри зебоманзар намояндагони миллатҳои мухталиф дӯстона зиндагӣ доранд. Онҳо аллакай ба расму русуми тоҷикон мутобиқ гашта, дар чорабиниҳои миллӣ, мисли Наврӯз, Сада, Ҷуфтбаророн, Иди Қурбон фаъолона иштирок менамоянд. Душанбе маҳз бо заҳмату талош ва ҷонбозиҳои тоҷикон ва дигар миллатҳои бародар мақоми шоиста касб карда, ба ҷаҳониён чун шаҳри дилоро муаррифӣ гаштааст. Байти машҳури шодравон Боқӣ Раҳимзода далели андешаи болост:

**Аҷаб шаҳри дилоройӣ, Душанбе,**
**Хаёлам зеби дунёӣ, Душанбе.**

Халқи тоҷик дар тули таърихи чандҳазорсолаи худ шаҳру пойтахтҳое бунёд кардааст, ки мавриди таваҷҷуҳи оламиён будаанд. Суннатҳои шаҳрдорӣ ва санъати меъмории онҳо, ки хусусиятҳои миллӣ ва умумибашарӣ доранд, то замони мо боқӣ мондааст.

**Ту шаҳри илму ирфонӣ, Душанбе,**
**Ту шаҳре дар дилу ҷонӣ, Душанбе.**

Имрӯз, ки Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақилу демократӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта шудааст, масъулияти шаҳрдорӣ низ ба тадриҷ меафзояд, зеро акнун Душанбе пойтахти давлати мустақилу комилҳуқуқ мебошад. Ҳамаи моро зарур аст, ки ба қадри сарвати пойтахт ва моликияти давлатӣ - об, замин, барқ, боғу дарахтзор, гулбоғу чаманҳо, роҳ, нақлиёт, муҷассамаҳои бузургон, оромгоҳ, зиёратгоҳҳо расида, дар ин шаҳри дилоро чароғи сидқу сафоро фурӯзон нигоҳ дорем.

**Душанбе-пойтхти Тоҷикистон,**
**Аҷоиб шаҳри зебо ҳамчу бӯстон.**
**Тамоми мардумонаш шоду хандон,**
**Барояш месароям аз дилу ҷон.**

Шаҳри Душанбе дорои нишон (эмблема) мебошад. Намоди расмии таъйидшудаи шаҳри Душанбе, нишони расмӣ аст. Муаллифони нишон С. Қурбонов ва А. Н. Заневский буда, аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе соли 1997 таъйид шудааст

**Душанбе хонаи осоиши дил,**
**Маро дурӣ зи ту корест мушкил.**
**Чу пайвандаст ҷонамро маконат,**
**Ки пайванданд бо ҳам обу ҳам гил.**

Душанбе бузургшаҳрест, ки тоҷиконро чун миллати бузургу номдор маркази умеду армон аст. Даме, ки дар кӯчаҳои ин шаҳри бузург қадам мезанем, беихтиёр аз зебогии муҳити атрофаш ҳаловат мебарем. Даме, ки мардуми меҳмоннавозу бофарҳанги дорои маданияти баланди шаҳрвандонашро вомехӯрем, беихтиёр нидо мекунем:

**Назар кардам зи рӯи меҳру**
**шавқат рӯи оламро,**
**Душанбе ҳастиву ҷону тавони ту.**
**Ҳама доройят рӯҳи равон бахшад**
**бузургонат,**
**Макони сад бузургу паҳлавони ту.**

**Бахтиёр БУРУНОВ,**
**донишҷӯи курси 1-уми**
**ихтисоси 1-0801010701**

# Хуршед мекашад сар аз шонаи Душанбе

**Душанбе маркази дунёи**
**тоҷик бӯстони ту,**
**Ҷаҳони хуррамиву шабчароғи**
**тоҷикони ту.**
**Ту маъвои диливу маъхази**
**кони равони ту,**
**Душанбе мулки шоирзодаиву**
**достони ту.**

Душанбе маркази Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри пайвандгари дилҳо, макони меҳру шавқат, маскани тоҷикони бузург аст. Душанбе шаҳрест, ки барои аз хурд то бузурги ин сарзамин Ватан аст. Ватане, ки дар канори бузургаш ба дунё омадаему бузург гаштаем. Ватане, ки мисли модари ғамхор дӯсташ медорем. Меҳане, ки сар то сар гул-гулшукуфону ободу зебову бофароғат аст.

Душанбе макони мардони хирад, занони баору номус ва тифлакони дилшоду бахтиёр аст. Мавзеест, ки саросар дилфиребу дилоро ва бешубҳа, мафтункунанда. Душанбе шаҳрест зебову дилоро ва макони мардумони меҳмоннавоз, олиҳиммат ва сарбаланду номдор:

**Ин шаҳр шаҳри бахт аст,**
**Ин шаҳри тоҷу тахт аст,**
**З-ин рӯ ҳамеша гӯем,**
**Шукронаи Душанбе.**

Имрӯз ҳамчун бошандаи ҷавони ин сарзамини бузург моро лозим меояд, ки бо тамоми бузургиҳояш онро васфу ситоиш намоем, зеро он бузургмеҳанест, ки дилу дидаҳоро қарину барҷост. Душанбе маконест, ки саросар гулрезу гулбасару машҳуру дилорост. Биноҳои серошёна, қасру толорҳои барҳаво, театру донишкадаҳои бузург, биноҳои маъмуриву фарҳангӣ, илова бар ҳамаи ин маркази сиёсию фарҳангӣ ва иқтисодӣ буданаш Душанберо даҳчанд зебову овозадор мегардонад.

Душанбе фахри даврони ҳар як бошандаи баору номуси ин сарзамини дилорост. Даме, ки дар эҷодиёти ин ё он адиби бузург васфи ин боғшаҳри дилкушоро мутолиа менамоем, метавон гуфт, ки Душанбе даҳчанди ин ситоишҳову фузунтар аз ҳамаи арзишҳост, зеботар аз ҳамаи зебогиҳои олам аст, ки ақли бинандаро мафтун мегардонад.

**Хуршед мекашад сар аз шонаи**
**Душанбе,**
**Нуру зиё бирезад бар хонаи Душанбе.**

Душанбе дар қалби тоҷикону тоҷикистониён монанди нигинест, ки дар ҳар нигоҳ шӯълапошӣ мекунад. Пиру барнои ин сарзамини ҳамешабаҳор мисоли парвона гирди шабчароғи ягонаи ин шаҳри дилоро дар гардишанд. Дарҳои меҳмонхонаҳои бузурги Душанбешаҳр ҳамчун кошонаи умеду армон ҳамеша ба сӯи меҳмонон боз буда, фарзандони неку фарзонаи он бо фарри ориёӣ бо ҳусну шавқати каёнӣ онро ҳусни шоҳона мебахшанд.

Оре, шукронаи Душанбе, ки мо бошандаи ин макони гулбасарем. Шукронаи мардуми фарҳангии он, ки ифтихори миллати бузурги тоҷиканд. Фарзандони ҷаҳонгарди ин боғшаҳри дилкушо ҳамеша аз дуриҳои дур васфи кишвари маҳбуб карда, озодагии обу ҳаво, гулу гиёҳҳои онро дар дил мепарваранд:

**Дар дил ҳаваси оби Душанбе бошад.**
**Дил моили Варзоби Душанбе бошад.**

Хулоса, Душанбе ҳамчун маркази бузурги Тоҷикистони азизу соҳибистиқлол, ҳар рӯзу ҳар соат дар айни шукуфтанҳост ва рӯз то рӯз онро ободу зебо, бофароғату дилнишин дидан метавон. Кист он бузургдиле, ки аз обу ҳавою дилнишиниҳои ин макони азалӣ бебаҳра монд? Кист он родмарде, ки қудрати бузурги ин сарзаминро бо мардумони баору номусаш дастгир набуд? Нест нафаре, нест тоҷике, ки бузургии ин макони шаҳдрезро эҳсос накарда бошад.

Нест лаҳзае, ки бӯи атромези Душанбеи дилнишин қалби саршор аз меҳру муҳаббат ва машоми муаттари димоғи мардумашро шефта нагардонда бошад.

**Суҳайлӣ ВАЛИЕВ,**
**донишҷӯи курси 3-юми**
**факултети технология ва дизайн,**
**гурӯҳи 1-54010104**

# ДУШАНБЕ - ШАҲРИ ҶАВОНОН



Душанбе, пойтахти Тоҷикистон на танҳо бо зебоӣ ва таърихи ғании худ, балки бо ҷавонӣ, неру ва рӯҳияаш зебост, ки ҳар касеро, ки аз ин шаҳри аҷиб дидан кардааст, фаро мегирад. Душанбе на танҳо дар харита ҷойгир аст, балки он ҷоест, ки илҳом мебахшад, ба худ ҷалб мекунад ва шуморо дӯст медорад.

Таърихи ин шаҳр ба давраҳои қадим бармегардад, ки дар ин ҷо шаҳракҳо ва фарҳангҳои қадим вуҷуд доштанд. Имрӯз Душанбе шаҳри муосир ва босуръат рушдёбанда аст, ки ҳар гӯшааш бо руҳияи ҷавонӣ ва тароват фаро гирифта шудааст.

Дар кӯчаҳои Душанбе сайру гашт карда, фазои хосеро, ки дар ин ҷо ҳукмфармост, эҳсос накардан ғайриимкон аст. Ҷавонони саршор аз неру ва ғояҳо кӯчаҳои шаҳрро бо хушбинӣ ва хоҳиши дигаргуниҳо пур мекунанд. Вохӯрӣ бо дӯстон дар қаҳвахонаҳои бароҳат, сайругашт дар боғҳои фарҳангию фароғатӣ, иштирок дар чорабиниҳои фарҳангӣ – ҳамаи инҳо Душанберо ба маконе табдил медиҳанд, ки ҳар рӯз аз имконот ва таассуроти нав пур мешавад.

Меъмории замонавӣ, хиёбонҳои бароҳат, мағозаҳо ва қаҳвахонаҳои гуногун фазоеро ба вуҷуд меоранд, ки дар он ҳама чизи хоси худро пайдо мекунанд.

Душанбе маконест, ки дар ҳар гӯшаву канори он ҷавонон зиндагӣ мекунанд ва ҳар рӯз пур аз имконияту бозёфтҳои нав аст. Ин шаҳр метавонад шуморо дар назари аввал илҳом бахшад, дастгирӣ кунад ва ба он ошиқ гардонад. Душанбе шаҳри ҷавонон, шаҳрест, ки дар қалби ҳар касе, ки ба ин ҷо омада буд, осоре мегузорад.

Пойтахти азизамон шаҳри Душанбе ҳамчун «шаҳри ҷавонон» барои ҷавонон низ имкониятҳои зиёди ҷолиб дар соҳаи маориф – қабили донишгоҳу коллеҷҳо, курсҳо ва мастер-классҳо, дар соҳаи варзиш ва тарзи ҳаёти солим – клубҳои варзишӣ, майдончаҳои фитнесс, боғҳо ва дигар ҷойҳо, соҳаи фарҳанг – чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ, консертҳо, фестивалҳо, намоишгоҳҳо ва дигар чорабиниҳо, дар соҳаи лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва волонтёрӣ, созмонҳо ва маҳфилҳои ҷавонон фароҳам меорад.

**А. Саидов, мудири шуъбаи**
**кор бо ҷавонон**

# МАСОИЛИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО ДАР ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ МАМЛАКАТ

**Тағйирёбии иқлим, алалхусус, гармшавии ҳарорати ҳаво ба обшавии суръатноки пиряхҳо ва дар умум аз байн рафтани онҳо таҳдиди бевосита мекунад. Биноан, кишварҳоро зарур аст, ки ҷиҳати ҳифзи пиряхҳо тадбирҳои заруриву таъхирнопазир андешанд.**

Бояд қайд намуд, ки дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки дар ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии мамлакат ироа мегарданд, ба масоили обу иқлим, хусусан, пиряхҳо ва ҳифзи онҳо диққати хосса дода мешавад. Чунончи, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ аз 15-уми апрели соли 2009 изҳор намуданд, ки: «Дар шароити имрӯзаи норасоии об дар минтақа, оқибатҳои хушксоливу камобӣ ва таъсири тағйирёбии иқлим ба манбаи асосии захираҳои обии Осиёи Марказӣ - пиряхҳои Бадахшон зарур аст, ки принсипҳои нави идоракунии захираҳои об дар асоси механизмҳои идоракунии ҳавзавӣ ва ҳамгироишуда омӯхта, имконияти ҷорӣ намудани онҳо баррасӣ карда шавад».

Ҷойи афсус аст, ки гармшавии иқлим дар мамлакат омили аз байн рафтани садҳо пиряхҳо шудааст. Чуноне Роҳбари давлат дар Паём ба Маҷлиси Олии кишвар аз 22-юми декабри соли 2017 таъкид карданд: «Тибқи маълумот аз 14 ҳазор пиряхе, ки дар кишвари мо ба қайд гирифта шудааст, дар давоми 40 соли охир бо сабаби гармшавии иқлим ҳазор пирях аз байн рафтааст ва ин раванд солҳои охир босуръат идома дорад» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамин Паём бо мақсади ҳифзи пиряхҳои кишвар лозим шумориданд, ки дар сохтори Академияи илмҳо Маркази омӯзиши пиряхҳо таъсис дода, мониторинги доимии пиряхҳо ва дигар сарчашмаҳои обии кишварро ҷиддӣ ба роҳ монад.

Дар натиҷа, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми марти соли 2018, №162 дар назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряхҳо» таъсис дода шуд. Маркази омӯзиши пиряхҳо таҳқиқотҳо ва таҳлилҳои гуногуни илмӣ дар соҳаи омӯзиш ва ҳифзи пиряхҳои мамлакат ва мониторинги онҳоро мегузаронад.

Дар иртибот ба фаъолияти Маркази омӯзиши пиряхҳо директори он профессор Қаюмов А. чунин иброз менамояд: «МДИ “Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон” фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо сохторҳои дахлдори вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шарикони рушди устувор ва дигар ташкилотҳо ва сохторҳои хориҷӣ дар иҷрои таҳқиқотҳои илмӣ-бунёдӣ оид ба омӯзиши пиряхҳо, криосфера ва гидрометеорология дар шароити тағйирёбии иқлим, доир ба таҳияи системаи барӯйхатгирии пиряхҳои Тоҷикистон мутобиқи феҳристи пиряхҳо дар асоси технологияи геоинформатсионии муосир, инчунин оид ба мониторинги экспедитсионии пиряхҳои репрезентативӣ ва ҳаракаткунанда анҷом медиҳад».

Лозим ба ёдоварист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои марбут ба обро дар чаҳорчӯбаи рӯзномаи ҷаҳонӣ



фаъолона пеш мебарад. Маҳз зери сиёсати хирадмандона ва башардӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаббусҳои ҷаҳонии мо дар соҳаи об аз ҷониби Маҷмаи Умумии СММ дастгирӣ ёфта, дар сатҳи ҷаҳонӣ пазируфта шудаанд. Мояи ифтихор аст, ки ин ташаббусҳо солҳо боз аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ амалӣ шуда истодаанд. Чунончи:

- Соли байналмилалии оби тоза – соли 2003;
- Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» солҳои 2005-2015;
- Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об – соли 2013;
- Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028.

Боиси хушнудӣ ва сарафрозӣ аст, ки панҷумин ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Маҷмаи Умумии СММ дастгирӣ шуд. Санаи 14-уми декабри соли 2022 Маҷмаи Умумии СММ зимни иҷлосияи 77-уми худ қатъномаи A/RES/77/158-ро дар хусуси «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон кардани соли 2025 қабул намуд, ки он аз ҷониби 153 кишвари аъзо ҷонибдорӣ ёфт ва дар қатънома ҳам эълони Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва ҳам Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо дарҷ гардид.

Дар робита ба ин, Сарвари давлат дар Паём ба Маҷлиси Олӣ аз 28-уми декабри соли 2023 ёдовар шуданд, ки соли 2022 бо ташаббуси панҷуми Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон кардани соли 2025, инчунин, 21-уми март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо ва таъсиси Хазинаи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо барои ҷомеаи ҷаҳонӣ муҳим ва мояи ифтихори мардуми шарафманди Тоҷикистон аст.

Президенти мамлакат дар ҳамин Паём доир ба гарм шудани ҳарорати сайёра ва оқибатҳои манфии он ва ҳолати ногувори муҳити зист изҳори нигаронӣ намуда, ба хотири пешгирии харобшавии вазъи муҳити зист пешниҳодҳои сариваҳтиву асоснок манзур намуданд. Чуноне таъкид ба амал оварда шуд: «Гармшавии ҳарорати сайёра ва оқибатҳои манфии он – камобӣ, хушксолии паёпай ва дигар офатҳои табиӣ, аз ҷумла сардии бесобиқаи зимистони гузашта, яъне торафт бад шудани ҳолати муҳити зисти инсоният, илова бар ин, ки боиси торафт вазнин шудани таъминот бо маводи ғизоӣ ва оби босифати нӯшокӣ дар бисёр кишварҳо ва минтақаҳои ҷаҳон гардида истодааст, ба паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва торафт устувор гардидани муқовимати воситаҳои доруворӣ мавҷуда бар зидди вируси чунин бемориҳо мусоидат карда истодааст. Бинобар ин, аҳли башар, аз ҷумла мо маҷбур ҳастем, ки барои ислоҳи вазъи ногувори муҳити зист ва ба пешгирӣ кардани харобшавии минбаъдаи он, дар навбати аввал, бо роҳи ҷиддан кам кардани партови газҳои гулхонаӣ, ниҳолшинониву кабудизоркунӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои об, яъне ба хотири начоти табиат ва инсоният тадбирҳои бетаъхир ва муассир андешад».

Бояд хотирнишон сохт, ки ҳанӯз наздик ба ду сол пеш узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Эмомалӣ Насриддинзода масоили ҳифзи пиряхҳоро тавассути санади меъёрии ҳуқуқии махсус зарур дониста, пешниҳод карда буд, ки бо мақсади аз ҷиҳати ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва амниятии нигоҳдорӣ ва ҳифзи пиряхҳои ҳудуди кишвар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо» қабул карда шавад.

Қабули ин қонун метавонад барои аз зинаи эътироф ба амалинамоии арзишҳои меъёрии байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо дар қонунгузории миллӣ такони ҷиддӣ бахшад.

Ҳамин тариқ, дар асоси моддаи 58-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии кишвар Аҳмадзода Раҷаббой, Раҳимӣ Фарҳод, Набизода Мадина, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ Қодири Қосим, Латифзода Рустам, Мирзоанвар Аҳмедов ва Раҳмонзода Зоир лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо» таҳия ва ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ пешниҳод карда шуд. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо»-ро 6-уми декабри соли 2023 баррасӣ ва қабул кард. Он 27-уми декабри соли 2023 аз ҷониби Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ ҷонибдорӣ ёфт. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо» 3-юми январи соли 2024, таҳти № 2026 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расида, пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шуд.

Дар Қонуни зикргардида мафҳуми «ҳифзи пиряхҳо» ба тариқи зайл маънидод шудааст: «Ҳифзи пиряхҳо – маҷмуи талабот ва чорабиниҳо оид ба пешгирӣ ва рафъи таъсири манфии фаъолияти хоҷагидорӣ ба пиряхҳо, аз ҷумла омӯзиши қонуниятҳои таксимоти боришот, қабати барф, ташаккулёбии тармаҳо, речаи обуҳавосанҷии пиряхҳо, манбаҳои ташаккулёбии ҳавзаҳои обҷамъшавӣ, нишондиҳандаҳои таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряхҳо».

Ҳамин тавр, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо» аз 4 боб ва 20 модда иборат буда, асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии ҳифзи пиряхҳоро ҳамчун объектҳои муҳити зист ва манбаъҳои стратегии захираҳои об муайян менамояд.

Дар фароварди сухан метавон хулоса баровард, ки паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар дар ҳифзи муҳити табиӣ, ҳалли масъалаҳои обу экология, махсусан, ҳифзи пиряхҳо саҳми назаррас мегузоранд.

**Сайнозимзода Фирӯз,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

# КОРРУПЦИЯ – ЭТО ЗЛО

Коррупция – это зло, которое может подрывать доверие к власти, тормозя развитие экономики и отравляя атмосферу в обществе. Она проявляется в разных формах: от банального взяточничества до масштабных хищений государственных средств.

Последствия коррупции пагубны для всех. Она приводит к несправедливости, когда те, кто имеет деньги и связи, могут получить все, что хотят, а простые люди вынуждены довольствоваться малым. Она мешает развитию бизнеса, так как честным предпринимателям приходится конкурировать с теми, кто готов платить взятки. Она подрывает авторитет власти, делая ее неподотчетной и неэффективной.

Но самое главное – коррупция разъедает душу человека. Она учит людей тому, что можно добиться успеха не честным трудом, а обманом и хитростью. Она убивает веру в справедливость и порождает атмосферу всеобщего недоверия.

Борьба с коррупцией – это не просто задача государства, но и задача всего нашего общества. Мы должны объединить усилия, чтобы искоренить это зло.

Что мы можем сделать?

Во-первых, мы должны быть честными. Не давать и не брать взятки, не участвовать в коррупционных схемах.

Во-вторых, мы должны быть бдительными. Сообщать о случаях коррупции в правоохранительные органы.

В-третьих, мы должны требовать от власти решительных действий. Поддерживать инициативы, направленные на борьбу с коррупцией, участвовать в митингах и акциях протеста.

Помните, коррупция – это не приговор. Мы можем победить это зло, если будем действовать сообща.

Вместе мы можем построить честное и справедливое общество, в котором будет процветать закон, а не беззаконие.

**ФИРУЗ КАЧУРОВ,**
**студент 1-го курса факультета информационных технологий и искусственного интеллекта**

# ҲИФЗИ ПИРЯХҲО ДАР НИЗОМИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Пиряхҳо яке аз манбаъҳои асосии оби ошомидани̣ дар ҷаҳон ба шумор меравaнд. Бо ин мақсад, барои тоҷикон боиси ифтихор аст, ки дар Иҷлосияи 27-уми Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим, ки 14 декабри соли 2022 баргузор гардид, пешниҳоди навбатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо тарафдории 153 кишвари аъзо ҷонибдорӣ ёфта, соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» ва 21 март Рӯзи байналмилалии пиряхҳо эълон гардиданд.*

*Инчунин дар ҷаласаи мазкур дар назди ин созмони бонуфузи умумиҷаҳонӣ Фонди боэътимоди махсус барои ҳифзи пиряхҳо таъсис дода шуд. Тарафдории ташаббусҳои инсондӯстона ва созандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаҳои вобаста ба об ва иқлим аз баланд рафтани обрӯву нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ далолат медиҳад. Дар асоси сиёсати дурбинонаи Сарвари давлат, Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои марбут ба об ва ҳифзи пиряхҳо дар ҷаҳон ҳамчун давлати пешоҳанг ва ташаббускор эътироф гардид.*

Ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он дарак медиҳанд, ки онҳо на танҳо дар рушди иқтисодиву иҷтимоии кишварҳо, балки ҷиҳати ҳифзи пиряхҳо ва истифодаи захираҳои обӣ, инчунин роҳандозӣ гардидани ислоҳоти дурусти муҳофизати пиряхҳо нақши муҳиму созанда ва бунёдӣ доранд. Зеро, дар заминаи ташаббусҳои байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа тағйир ёфта, барои танзими муносибатҳои нави бамиёномада дар муносибатҳо вобаста ба ҳифзи пиряхҳо дар минтақа ва ҷаҳон зарурати қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ва ё ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ба миён меояд.

Дар ин замина, бо мақсади ҳифз ва омӯзиши пиряхҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зиёд андешида шуданд. Аз ҷумла бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳифз намудани пиряхҳо «Барномаи давлатӣ оид ба омӯзиш ва нигоҳдории пиряхҳои Тоҷикистон барои соли 2010-2030» аз 3 майи соли 2010, №209 қабул гардид. Дар доираи он дар пиряхҳои асосии ҷумҳурӣ корҳои омӯзишӣ ба роҳ монда шуда, мониторинги пиряхҳои Тоҷикистон гузаронида мешавад. Инчунин дар назди Академияи миллии илмҳо «Маркази омӯзиши пиряхҳо» таъсис дода шуд, ки ҷиҳати ҳифзи пиряхҳо ба натиҷаҳои назаррас ноил гаридааст.

Бо дарназардошти танзими муносибатҳои воқеии ҷомеа, дар заминаи пешниҳодҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи 77-уми Созмони Милали Муттаҳид марбут ба ҳалли мушкилоти вобаста ба обу иқлим ва ҳифзи пиряхҳо, аз ҷониби мақоми олии қонунгузории кишвар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо» аз 3 январи соли 2024, №2026 қабул гардид. Мақсад аз қабули Қонуни мазкур муайян намудани асосҳои



ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии ҳифзи пиряхҳо ҳамчун объектҳои муҳити табиӣ, барои ба роҳ мондани корҳои омӯзишӣ, илмию таҳқиқотӣ, мониторинг ва ҳифзи пиряхҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқиро фароҳам меорад ва пешбурди сиёсати давлатӣ ва байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи пиряхҳоро ба таври мушаххас танзим менамояд.

Аз ин лиҳоз, қабули қонун падидаи илмӣ ва амалии мураккаб буда, паҳлуҳои зиёд дорад. Илова бар ин, дар замони муосир зарурати таҳқиқи илмии ҳифзи экология, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, ки боиси обшавии пиряхҳо гардидааст, дар робита бо падидаҳои нави илмӣ дар низоми қонунгузорӣ эҳсос мегардад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо», пеш аз ҳама, шаҳодат аз он медиҳад, ки давлат дар ҳифзи пиряхҳо манфиатдор мебошад. Мутобиқи моддаи 5 қонуни зикршуда пиряхҳо моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат ҳифзи онҳоро кафолат медиҳад.

Дар ин раванд, қабули Қонуни мазкур саривақтӣ буда, бо эълон гардидани соли маърифати ҳуқуқӣ дар кишвар ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии экологии шаҳрвандон дар ҷумҳурӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ миёни муассисаҳои илмӣ заминаи ҳуқуқӣ мегузорад.

Дар асоси таҳқиқи ҳифзи пиряхҳо дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулоса омадан мумкин аст, ки тағйирёбии иқлим дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дошта, таҳиқоти илмии асоснок ва қабули санадҳои қонунгузории танзимкунанаи минтақавӣ ва байналмилалиро тақозо менамояд.

Ҷиҳати рушди қонунгузорӣ ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти пешгирии тағйирёбии иқлим оид ба пиряхҳо ҳамчун объекти муҳити зист ва манбаъҳои стратегии захираҳои об, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо» пешниҳод менамоем, ки вобаста ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳаи шаҳрвандон дар қонуни намбурда меъёри муайян муқаррар карда шавад. Зеро дар моддаи 19-и Қонуни амалкунанда меъёр оид ба тартиби ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони воқеӣ муқаррар шудааст. Дар чунин ҳолат, бояд мутобиқи талаботи қоидаҳои умумии техникаи қонунгузорӣ дар санадҳои қонунгузорӣ моддаҳои муайян, мушаххас ва танзимкунандаи воқеии муносибатҳо дар хусуси ҳуқуқ ва уҳдадориҳаи шахсони воқеӣ муқаррар карда шавад. Чунки шахсони воқеӣ ҳамчун субъекти муносибатҳои ҷамъиятӣ вазифадоранд, ки дар муносибат бо табиат ҳуқуқу уҳдадориҳои худро донанд ва онҳоро риоя намоянд.

**Ҷамшедзода Комрон Ҷамшед,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

# НАҚШИ ЗАНОНУ БОНУВОН ДАР МЕҲВАРИ ПАЁМ

Дар ҳама даврu замон шахсияти зан – модари тоҷик ҳамчун чароғи хонадон, идомадиҳандаи насл, тарбиятгар ва бакамолрасонандаи фарзанд, инчунин нигоҳдорандаи забон, таърих, урфу одат ва фарҳанги миллӣ рӯшан ҳувайдост. Корномаҳои занони шарафманди ниёгони мо дар гузаштаҳои дур низ ҳамчун тимсоли барҷастаи садоқату вафодорӣ ба авлод дар ҳифзи шарафу покӣ, муҳаббат ба Ватан, дар ободиву пешрафти ҷомеа ва ҷасорату мардонагӣ дар ҳимояи якпорчагӣ ва амну суботи обу хоки он ифода мегардад. Аз ин ҷост, ки мақоми занону бонувон аз адвори дури таърих бар асоси ситоишномаҳои донишварону соҳибназарон дар ҷойгоҳи хосае қарор гирифтааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии кишвар мавқеи занонро дар рушду тараққиёти ҷомеа дар меҳвари таваҷҷуҳ қарор дода, бо арҷгузорӣ ба саҳми бонувон дар пешрафти ҷомеаи мутамаддини тоҷик қайд намуданд, ки “нақши занону бонувон дар пойдории сулҳу субот, ҳифзи арзишҳои милливу фарҳангӣ, дар ниҳоди фарзандон тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, инсондӯстиву масъулиятшиносӣ, инчунин, пешгирӣ кардани омилҳои номатлуби иҷтимоӣ муассир аст”.

Агар сарчашмаи ободиву пешрафти ҷомеа аз осоишу оромии ҳар як оила бошад, ободии ҳар як хонадон аз рӯҳияи солиму созанда, сатҳи маънавиёту маърифатнокӣ ва тандурустии зан-модар вобаста аст. Зани тоҷик, ки намунаи олитарини зан-модар аст, дар доираи модарсолорӣ аз аввал то имрӯз боқӣ мондааст. Ҳамин нубуғи (истеъдоди) азалии занону бонувони тоҷик аст, ки имрӯз бонувони тоҷик чун равшангарони ҷомеа дар пешрафти ҳаёти илмиву маърифатӣ ва адабии мамлакат саҳми муносиби хешро мегузоранд. Чеҳраҳои шоиставу арзандаи миллат аз ҳисоби бонувон ҳамчун адибону суханварон, устодону таҳқиқгарон дар амри ҳидояти ҷомеа бар сӯйи арзишҳои олии ахлоқӣ хидматҳои арзандаеро ба иҷро мерасонанд. Бахусус, солҳои охир зиёд гардидани сафи бонувони пажуҳишгар моро бар он бовар мерасонад, ки имрӯз неруи ақлонии бонувони тоҷик ба манфиати пешрафтҳои илмӣ, инчунин муваффақ шудан ба дастовардҳои истеҳсолӣ истифода мешавад.

Талошҳои пайвастаи занону бонувон ҷиҳати иштироки фаъолона дар рушду нумӯи кишвари азизамон ифодаи он аст, ки занону духтарони шарафманди мо бо ҳисси баланди худшиносиву худогоҳии миллӣ ва ифтихор аз давлату давлатдории миллӣ дар оянда низ саҳми арзандаи худро барои ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, таҳкими давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, рушди минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоии Ватан ва устувор гардонидани мавқеи он дар қатори кишварҳои мутараққӣ сафарбар менамоянд.

Дар Паёми навбатиашон Сарвари давлат ба нақшу мақоми занон дар ҷомеа арҷгузорӣ намуда, иброз доштанд, ки “мо дар даврони соҳибистиқлолӣ мақоми занонро дар ҷомеа марҳала ба марҳала баланд бардошта, барои онҳо шароити муносиби фаъолиятро фароҳам овардем. Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи зиёди занону бонувони лаёқатманду баландихтисос ба хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ ҷалб карда шудаанд ва ин раванд минбаъд низ идома дода мешавад”.

Аз он ҷумла, қайд гардид, ки ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёна ва олии касбӣ, аз ҷумла дар хориҷи кишвар ҳазорҳо нафар духтарони боистеъдоди мо ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Аз 41 ҳазору 232 нафар донишҷӯёни тоҷик, ки ҳоло дар давлатҳои хориҷӣ таҳсил мекунанд, беш аз 11 ҳазор нафарашон духтарон мебошанд.

Дар баробари баён кардани дастовардҳои арзанда Сарвари давлат занону бонувони тоҷикро чун неруи созанда ва бунёдкор барои боз ҳам тақвият бахшидани мақоми хеш дар таҳкими ахлоқу маърифати ҷавонон ва таваҷҷуҳи хоса ба тарбияи насли хушахлоқуояндасоз ҳидоят намуданд.

Мо – занону бонувони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз дастгирӣ ва ғамхориҳои ҳамешагии Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон руҳбаланд гардида, тамоми кӯшишу ғайрат ва донишу малакаи касбиамонро ба он равона карда истодаем, ки дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар амал татбиқ намуда, дар ободиву шукуфоӣ, амну суботи кишвар ва афзун гардонидани дастовардҳои илмӣ, иқтисодиву сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангии он нақши муассир гузорем.

**Ваҳобова Азиза Абдуллоевна,**
**номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русии факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбии ДТТ**

ТАТБИҚИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТИ ПАДАРУ МОДАР ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД»

# НИГОҲУБИНИ ВОЛИДАЙН ҲАМ ФАРЗ АСТУ ҲАМ ҚАРЗ

Риоя ва ба ҷо овардани анъанаҳои миллӣ, нигоҳубини падару модар аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки моро водор месозад, сари он андеша намоем.

Мутаассифона, имрӯзҳо дар олами маҷозӣ хабару воқеаҳои зиёд оид ба беэҳтиромӣ нисбат ба волидайн, рӯй гардонидан аз онҳо ва ҳатто баъзан сӯиқасд намудан ба ҷони онҳо аз ҷониби фарзандони нохалаф паҳн мешаванд, ки аксарият аз ин хабарҳои гӯшношунид огоҳ ҳастанд ва ба чунин фарзандон нафрин мехонанд.

Албатта, манзури банда такрори чунин хабарҳои гӯшношунид набуда, андешаи худро нисбат ба чунин амали зишти бархе аз фарзандони нокобилу ноуҳдабаро баён кардан аст. Зеро, ҳар боре чунин хабари нохушро мехонам ва ё аз забони нафаре мешунавам, дар ҳайрат мемонам ва меандешам, ки наход инсон то он ҳадде бераҳм бошад, ки сӯиқасд ба ҷони онҳое кунад, ки ӯро бо садҳо умеду орзу ба дунё овардаанд, хӯронданду пӯшонданд, хононданду ба воя расониданд. Воқеан ҳам, ҷойи таассуф аст.

Падару модар барои фарзандон ду ганҷи ноёб ҳастанд ва ҳар як фарзанд мувazzаф аст, ки онҳоро азиз дораду то рӯзи буданашон ҳурмату эҳтиромашонро бо ҷону дил ба ҷо орад ва нигоҳубин намояд, то ин ки дар оянда аз фарзандони худ иззату эҳтиром бубинад.

Дар осори бузургони мо дар бораи эҳтиром ва гиромӣ доштани падару модар панду ҳикматҳои зиёдро метавон пайдо кард, ки мутолиа ва фаҳму дарки онҳо дунёи моро дигар месозад ва меҳри падару модарро дар диламон зиёдтар мегардонад.

Мо, омӯзгоронро зарур аст, ки шавқи омӯзиши осори гаронбаҳои бузургонамонро дар замири хонандагон ҷой намоем, то ин ки шуълаи меҳру муҳаббат ва раҳму шафқат дар дили онҳо то абад фурӯзон бошад.

Маҳз зиёд рух додани амалҳои зишт, ки дар боло зикр кардем, давлат ва Ҳукумати мамлакатро водор намуд, ки нигоҳубини волидайнро аз ҷониби фарзандон дар асоси қонун таъмин намояд ва муайян кардани уҳдадориҳои фарзандон оид ба нигоҳубини падару модар дар чаҳорчӯбаи қонун ниҳоят иқдоми нек ва айни муддао буд. Ин аст, ки уҳдадориҳои фарзанди болиғу қобили меҳнат дар нигоҳубин ва таъмини падару модар дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» мушаххас нишон дода шудааст.

Дар боби 3-и моддаи 10-и қонуни мазкур омадааст, ки фарзанди болиғу қобили меҳнат уҳдадор аст, ки падару модари худро нигоҳубин ва таъмин карда, онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ дастгирӣ намояд.

Масъулияти нигоҳубини волидайн дар холе ба зиммаи фарзанд вогузор мешавад, ки фарзанд дар баробари болиғ будан кобилияти меҳнат карданро низ дошта бошад. Яъне, фарзандони болиғе, ки кобилияти кор кардан надоранд ва худ нафақа ва ёрдампулӣ мегиранд, аз иҷрои уҳдадориҳо оид ба нигоҳубин ва таъмини падару модар аз ҷиҳати моддӣ озод мебошанд.

Қонун муайян кардааст, ки эҳтиёҷоти падару модар нисбат ба кумак ва ғамхорӣ аз ҷониби фарзанди болиғу қобили меҳнат дар ҳолатҳое ба вуҷуд меояд, ки падару модар барои зиндагии арзанда бинобар сабаби нарасидани имкониятҳои моддӣ танқисӣ мекашанд ва ё бемор мешаванду ба ёрии фарзандон эҳтиёҷ доранд.

Аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ намудан дастгирии маънавиро истисно намекунад, зеро аз ин амали фарзанд падару модар руҳан шод мегарданд.

Дастгирии маънавӣ дар ғамхорӣ ва дигар намуди ёрии маънавӣ таҷассум меёбад, ки аз он рухияи маънавии падару модар баланд бардошта мешавад.

Бояд зикр кард, ки фарзандони болиғ ҳамчун анъанаи миллӣ уҳдадориҳояшонро ихтиёран иҷро менамоянд. Онҳо барои чунин корҳо анҷом додан метавонанд оид ба пардохт намудани алимент созишнома баста, дар асоси он ба падару модари ба кумак эҳтиёҷманди худ ёрии моддӣ расонанд. Дар сурати набудани созишнома тартиби судии рӯёнидани алимент муқаррар карда мешавад.

Барои иҷро накардани уҳдадориҳо оид ба нигоҳубин ва таъмини падару модари фарзандони болиғу қобили меҳнат ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳангоми бадқасдона, яъне бидуни сабабҳои узрнок бештар аз се моҳ саркашӣ кардани фарзандон аз иҷрои ҳалномаи суд доир бо пардохти маблағ ҷиҳати таъминоти падару модари ғайри кобили меҳнат ва эҳтиёҷманд ёрии моддӣ татбиқ карда мешавад.

Албатта, ҳар фарзанди солиму солеҳ, ҳар фарзанди болиғу қобили меҳнат бояд ҳамеша дастёру мададгори волидайн бошад.

Бахусус, замоне, ки онҳо пиру нотавон ва бемор мешаванд фарзанд бояд хизмати онҳоро ба таври шоиста анҷом диҳад.

Набояд фаромӯш кард, ки модар моро бо сад ормону орзу, бо нозу муҳаббату меҳрубонӣ дар оғӯши гарми хеш парварда, падар ҳамеша ғамхору мададгорамон буд.

Аз ин рӯ, ҳар як фарзанд, пеш аз ҳама, бояд ҳурмату эҳтироми падару модарро ба ҷо оварда, дар овони пирӣ нигоҳубини онҳоро карзи фарзандии худ донад.

**Бибихосият ШАМСОВА,**
**н.и.п., муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷӣ**

# ПРИВИТИЕ ИНТЕРЕСА ДЕТЕЙ МЛАДШЕГО ШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА К ЧТЕНИЮ



Проблема обучения чтению не теряет своей актуальности, по сей день. Школьник, хорошо владеющий навыками смыслового чтения и работы с текстом более успешен в освоении образовательных программ. А вопросы психолого-педагогического сопровождения процесса формирования читательской грамотности детей младшего школьного возраста тревожат педагогов.

«Чтение – вот лучшее учение». Наверное, нет необходимости объяснять глубокий смысл этой пословицы. От умения детей читать бегло, выразительно, понимать содержание прочитанного, анализировать поступки героев, делать соответствующие выводы зависят их успехи в учении на протяжении всех школьных лет. Поэтому становится понятным, какое огромное значение должен уделять учитель начальной школы обучению чтению, и какую ответственность он несет перед учениками, их родителями, педагогами школы.

Как приобщить ребенка к чтению? Готовые рецепты найти трудно. Ведь каждый ребенок индивидуален. А самое главное – для детей чтение должно ассоциироваться с радостью, а не со скукой и принуждением. Усложняет процесс широкого привлечения детей к чтению интенсивное развитие информационно-коммуникационных технологий. Современные средства связи, интернет зачастую выступают главными факторами вытеснения традиционной формы чтения книг.

Чтение – важное умение человека в жизни, с помощью которого он не может постичь окружающий мир. Привитие любви к нему – значимый фактор формирования подрастающего поколения интеллектуально развитым и духовно богатым. Литература играет важную роль в личностном становлении ребенка. Ведь именно добрая содержательная книга является настоящей пищей для души, верным другом и мудрым путеводителем по жизни, который всегда укажет правильный путь. И этому столь необходимому умению ребенка учит учитель начальной школы.

Вопрос беглого, осознанного и выразительного чтения меня всегда волновал. И теперь, когда достигнуты заметные успехи на протяжении многолетней педагогической работы, можно поделиться с коллегами со своим опытом.

Много факторов влияет на всестороннее развитие ребенка. Одним из главных факторов является книга. Книга может быть той пищей для ума и сердца, которая дает силу для нравственного созревания человека. Она может объединить людей разного возраста. Видя книгу в руках у взрослых, ребенок с малых лет начинает интересоваться ею. У ребенка проявляется интерес к книге, поэтому, чтобы он не угас, его нужно удовлетворить. Чем больше места будет уделено в ней общению с книгой, тем лучше для самого ребенка.

Я на своих занятиях стараюсь привить детям любовь к чтению книг. Мои ученики не боятся высказывать своё мнение по поводу прочитанного произведения, по поводу чтения одноклассника, и умеют давать советы товарищу. Сами учащиеся составляют тесты по произведению, которые читают на уроке. А как им хочется быть на уроках в роли учителя...

Когда дети стали бегло читать с интересом, появилась осмысленность прочитанного, заметно повысилась успеваемость и по математике, и по русскому языку, и по другим предметам.

Ведь чтение – это важнейшее условие формирования мыслительных способностей.

На родительских собраниях стараюсь убедить родителей в том, что чтение вслух, как и чтение про себя, должно войти в ежедневную привычку ребёнка. Особенно на первых порах грамотного чтения, необходимо создавать ребёнку ситуацию, когда окружающим интересно слушать его чтение. Хорошо, когда родители проявляют ярко выраженный, живой интерес к содержанию текста, который читает ребенок. Они должны стать предельно сдержанными, терпеливыми, снисходительными и доброжелательными слушателями своего ребёнка.

На каждом уроке чтения использую доску. Вывешиваю не только портрет автора, детские рисунки по произведению, но и провожу словарную работу. Таким образом, обогащается словарный запас детей и способствует развитию творческого интереса к изучаемому тексту.

Уроки чтения у меня всегда тесно связаны с другими предметами как русский язык, математика, мир вокруг нас. На уроках математики, читая, например, задачу, разбираем непонятные детям слова, выясняем их значение. Учащиеся начинают понимать текст задачи, а потом включается и логическое мышление. На каждом уроке русского языка проводится словарная работа.

Особенное значение для учеников имеет предмет «Мир вокруг нас» (МВН). На этих уроках вместе с детьми мы моделируем и рисуем схемы в виде кластеров. Это помогает лучше усвоить научный текст. Ведь, переходя в старшие классы, учащиеся младших классов будут получать более углублённые научные понятия, с которыми они будут встречаться на протяжении всей учебной деятельности.

Чтение – это лучшее учение в любом возрасте. Но имеет значение не только беглое чтение, а чтение осознанное. Над этим мы сейчас и работаем. Главное в этой работе – добиваться оптимальной мыслительной деятельности каждого ребёнка, хорошо знать индивидуальные особенности всех учащихся. Стараться следить за продвижением каждого из них, вовремя заметить возникающие трудности, всячески поддерживать все положительные усилия ребёнка.

Итак, только такой подход в этом вопросе даёт желаемые результаты в обучении правильному, беглому, выразительному и осознанному чтению.

**Учитель начальных классов с русским языком обучения «Инновационного лицея Душанбе»**
**Камчинова Анжела Джабировна**




**Рамзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №107 мебошад.**

## ДОВТАЛАБОНИ ГИРОМӢ!

# ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН ОРЗУҲОИ ШУМОРО АМАЛӢ МЕГАРДОНАД

Факултети муҳандисӣ-технологӣ (ФМТ) аввалин факултет дар сохтори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мебошад, ки аз рӯзи таъсисёбии донишгоҳ арзи вуҷуд дошта, барои соҳаҳои саноати хӯроквориӣ ва иқтисодиёти кишвар ҳазорҳо нафар мутахассисони рақобатпазирро омода кардааст, ки аксари онҳо дар вазифаҳои роҳбарикунандаи сохторҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату муассисаҳои таълимӣ, корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти соҳавӣ кору фаъолият карда, барои рушди бемайлони кишвар саҳми муассир гузошта истодаанд.

Факултети муҳандисӣ-технологӣ дорои кафедраҳои зерин мебошад:

Кафедраи мошин ва дастгоҳҳои истеҳсоли хӯроквориӣ (тахассусӣ);

Кафедраи технологияи истеҳсоли маҳсулоти хӯроквориӣ (тахассусӣ);

Кафедраи кимиё (умумидонишгоҳӣ).

Кафедраҳои ФМТ мутахассисонро аз рӯи равия ва ихтисосҳои зерин омода мекунанд:





Равияи 1-360901 - «мошинҳо ва дастгоҳҳои истеҳсоли маводи хӯрока :

1-36 09 01 01 – таҷҳизоти корхонаҳои маҳсулоти хӯроквориӣ»;

1-36 09 01 04 – таҷҳизоти корхонаҳои маҳсулоти нонӣ, макаронӣ ва маводи ғизоии консентронидашуда»;

1-36 09 01 05 – таҷҳизоти саноати шароббарорӣ»;

1-36 09 01 06 – таҷҳизоти саноати гӯштию ширӣ»;

1-54010105 – метрология, стандарткунонӣ ва сертификатсия (маҳсулоти хӯроквориӣ)»;

1-49010102 – технологияи маҳсулоти нонӣ, макаронӣ ва қаннодӣ;

1-49010103 – технологияи консервакунонӣ;

1-49010104 – технологияи шаробпазӣ;

1-49010106 – технологияи равғани растанӣ;

1-49010108 – технологияи ғизои функсионалӣ ва кӯдакона;

1-49010201 – технологияи гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ;

1-49010202 – технологияи шир ва маҳсулоти ширӣ;

1-910101 – истеҳсоли маҳсулот ва ташкили хӯроки омма.

Дар факултет 1 нафар барандаи Ҷоизаи давлатӣ барои олимон ва омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, риёзӣ, дақиқ ва техникӣ, 3-нафар Ҷоизадори давлатӣ байни олимони ҷавон ба номи И.Сомонӣ, 4 нафар омӯзгори сазовори патент оид ба ихтирооти Авроосиёгӣ, 14 нафар омӯзгори сазовори патентҳо оид ба ихтирооти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯи натиҷаи тадқиқоти илмии соҳавӣ соҳиби медалҳои дараҷаашон гуногун шудаанд, пурсамар кору фаъолият доранд.

Омӯзгорони ҷавони ФМТ вобаста аз самти интихобкардаи мавзӯи илмияшон бо истифода аз пояи моддию техникии факултет ва зерсохторҳои Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои илмию тадқиқотӣ гузаронида истодаанд.

Дар факултети муҳандисӣ-технологӣ синфхонаҳову озмоишгоҳҳои зерин барои гузаронидани дарсҳои назариявӣ (лексинонӣ), амалӣ ва озмоишӣ арзи вуҷуд дорад, ки дар онҳо ҳайати омӯзгорону профессорон ба донишҷӯён аз рӯи Барномаҳои таълимӣ ва Барномаҳои кории таълимӣ (Силлабус)-и тасдиқшуда, бо истифода аз пояи моддию техникии онҳо машғулиятҳоро мегузаронанд:

*4/101– Озмоишгоҳи кимиёи узвӣ (органикӣ);

*4/103 – Озмоишгоҳи илмию тадқиқотӣ;

*4/105 – Озмоишоҳи кимиёи физикию коллоидӣ;

*4/106 – Толори лексионӣ;

*4/107 – Озмоишгоҳи кимиёи таҳлилӣ (аналитикӣ);

*4/108 – Озмоишоҳи ғайриузвӣ;

*4/203 – Озмоишгоҳи таҷҳизоти технологии гӯшт ва шир

*4/204 – Озмоишгоҳи гидравлика;

*4/205 – Синфхонаи лексионӣ;

*4/206 – Озмоишгоҳи механизатсияи борбардорӣ, борфарорӣ, нақлкунонӣ ва анборҳо;

*4/207 – Толори лексионӣ;

*4/209 – Озмоишгоҳи микробиология;

*4/210 – Озмоишгоҳи таомҳои миллӣ ва Аврупоӣ;

*4/211 – Озмоишгоҳи хизматрасонӣ дар тарабхонаҳо;

*4/214 – Синфхонаи компютерӣ;

*4/215 – Озмоишгоҳи сенсорӣ;

*4/216 – Озмоишгоҳи технологияи консервакунонӣ;

*2/101– Озмоишгоҳи муайянкунии сифати ашё ва маҳсулоти тайёр.



### МАКОНҲОИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ИСТЕҲСОЛӢ

Факултети муҳандисӣ-технологӣ бо дастгирии раёсати донишгоҳ бо як қатор корхонаҳои истеҳсолии саноати хӯроквориӣ: ҶСП «Комбинати шири Душанбе», ҶДММ «Комбинати шири Саодат», ҶСШК «Ширин», ҶСШК «Равғани тоҷик», ҶДММ "Акома" ҶСК «Заводи шароббарории Душанбе», ҶСК «Комбинати хӯроквории Тоҷикистон», ҶДММ «Ириана», ҶСШК «Сим-сим», ҶДММ «Таҷҳизот», «Тоҷиктекстилмаш», Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии "Ғизо" шартномаи тарафайн ба имзо расонида шудаанд, ки дар ин корхонаҳо донишҷӯён донишҳои назариявияшонро тавассути таҷрибаомӯзӣ тақвият мебахшанд.

Дар 8 ташкилоту корхонаи истеҳсолӣ синфхонаҳои озмоишию амалии факултет арзи вуҷуд доранд, ки дар онҳо бевосита бо ҷалби олимону мутахассисон машғулиятҳои амалию озмоишӣ гузаронида мешаванд.

**Довталабони гиромӣ, агар Шумо аз тариқи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтисосҳои Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, аз ҷумла ихтисосҳои факултети муҳандисӣ-технологиро интихоб кунед, ҳайати омӯзгорону профессорон, ки аз ҷумлаи олимону мутахассисони варзидаи кишвар маҳсуб меёбанд, орзуҳои шуморо амалӣ мегардонанд.**

**Ғафурҷон ҲАКИМОВ,**
**декани факултет н.и.т., дотсент**

# ОМОДА НАМУДАНИ МУТАХАССИСОНИ БОЛАЁҚАТ БАРОИ СОҲАИ САНОАТИ САБУК –ВАЗИФАИ АВВАЛИНДАРАҶАИ ҲАЙАТИ ПРОФЕСОРОНУ ОМӮЗГОРОНИ ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯ ВА ДИЗАЙН

**Саноати сабук яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти мамлакат буда, қабули санадҳои муҳим оид ба рушду афзоиши соҳа заминаи боэътимод дар инкишофи минбаъдаи он гардидааст.**

Мавҷудияти ашёи хоми ватанӣ, захираҳои калони меҳнатӣ, таҷдиду васеъгардонии истеҳсолоти мавҷуда ва таъсиси корхонаҳои нав саноати сабукро барои сармоягузорон ҷолиб ва диққатҷалбкунанда намудааст.

Бо дастгириҳои пайваста ва дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳа сол то сол инкишоф намуда, суръати афзоиш ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро мунтазам баланд бардошта истодааст.

Дар саноати сабук соҳаҳои нассоҷӣ, ки ба худ истеҳсолоти ресандагӣ, бофандагӣ ва рангу пардоздиҳиро дар бар мегирад, соҳаи дӯзандагӣ, коркарди пӯст, истеҳсоли чарм ва пойафзол, қолинбофӣ, мебелбарорӣ, истеҳсоли пилла ва коркарди саноатии он бо истеҳсоли риштаи абрешим ва матоъҳои атлас ва боз дигар соҳаҳо аз қабили истеҳсоли адрас, қолинҳои дастӣ, чакандӯзӣ ва дар маҷмуъ ҳунарҳои бадеии мардумӣ ворид мегардад.



Пахта низ ба саноати коркард мансуб буда, коркарди аввалияи он дар корхонаҳои коркарди ашёи хоми пахта амалӣ гардонида шуда, аз он маҳсулотҳои асосӣ – нах ва пунбадона ҳосил карда мешавад. Нахи пахта барои коркарди минбаъда дар корхонаҳои ресандагӣ барои истеҳсоли ресмон ва сипас ресмонҳо барои ҳосил намудани матоъҳои анъанавӣ ва кешбофӣ ба корхонаҳои нассоҷӣ ва трикотаж равона мешавад. Маҳсулоти ниҳоии соҳа ин маснуоти дӯзандагӣ мебошад, ки ба таври оммавӣ ва фармоиши фардӣ омода карда мешавад.

Тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мутахассисони варзидаи соҳаи саноати сабук таъмин намудани корхонаҳои соҳавии мамлакат, садорати факултети технология ва дизайн дар асоси Иҷозатномаи нави донишгоҳ таҳти АУ №0001646 аз 07.07.2014 ва баъдан Иҷозатнома аз моҳи майи соли 2019 мутахассисонро аз рӯи ихтисосҳои зерин тайёр менамояд:

1-1901010501 – Дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ;

1-1901010504 – Дизайни маҳсулоти бофандагӣ;

1-19010105 – Дизайни костюм ва газвор;

1-1901010202 – Дизайни интерер;

1-500101 –Технологияи ресмонҳо, матоъҳо, масолеҳи кешбофт ва нобофт;

1-50010101 –Ресидани нахҳои табиӣ;

1-50010101– Технологияи матоъҳо;

1-50010101– Технологияи трикотаж;

1-50010107– Лоиҳакашии ороиши матоъҳои нассоҷӣ;

1-50010108– Технология ва таҷҳизоти истеҳсолоти нахҳои табиӣ;

1-50010201– Технологияи маснуоти дӯзандагӣ;

1-50010102– Тарҳрезӣ ва технологияи маҳсулоти дӯзандагӣ;

1-54010104 –Метрология, стандартизатсия ва сертификатсия (саноати сабук).

Умуман дар факултет то соли 2014 аз рӯи 4 ихтисос ва баъд аз аттестатсияи давлатӣ гузаштан дар ҳамин сол тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохта ва баистифода додани маҷмааи калонтарини саноати сабук – ҶММ “Ҷунтай-Данғара Сен Силу Текстайл” дар ноҳияи Данғара барои бо ҷойи кор таъмин намудани 6000 нафар мутахассис барои Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҷудо намудани 200 ҷойи иловагӣ дар асоси буҷет 9 ихтисоси самти нассоҷӣ ва саноати сабук ифтитоҳ карда шуд. Аз ҳамон давра сар карда ҳар сол тариқи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар факултет аз 250 то 275 нафар довталаб ба ин ихтисосҳо қабул мешуданд.



Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз соли 2014 инҷониб аз рӯи 11 ихтисоси соҳаи саноати сабук ва нассоҷӣ мутахассисони зинаи бакалавриат ва магистрантҳоро омода менамояд. Дар ин муддат бо зиёда аз 20 корхонаи саноатии дар шаҳри Душанбе воқеъбуда: Агентии “Тоҷикстандарт”, ҶММ “ИИ Нассоҷи тоҷик”, КВД “Гулистони Душанбе”, КВД “Гулдастон”, ҶММ “Инсофт”, ҶММ “Фасонак”, ҶММ “Сифат-Саноат”, ҶММ “Тоҷтекс”, ҶММ “Ёқут-2000”, инчунин дар ш.Ҳисор ҶММ “Файзи Истиқлол 2011”, ноҳияи Рӯдакӣ ҶДММ “Ҳосилот”, шаҳри Турсунзода ҶММ “Утоган-КА”, ноҳияи Ёвон ҶММ “Рамз”-и Аминҷон”, ҶММ “ИТС НФС НТР Катон”, собиқ “ЕКОМ”, ҶММ “ХИМА-Текстил”, ҶММ “Ваҳдат-Текстил”, шаҳри Бохтар ҶММ “КОТА-Глобал”, дар асоси мактуб бо ҶММ “Ҷунтай-Данғара Сен Селу Текстил”, ҶММ “Водии Заррин” ноҳияи Хуросон, шаҳри Истаравшан ҶММ “Ноҳид” ҳамкориҳои дуҷонибаро ба роҳ монда, бо онҳо шартномаҳо оид ба гузаронидани таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, истеҳсолӣ ва пеш аз рисолаи хатмро ба имзо расонидааст, ки ҳамасола амалӣ гардида истодаанд.

Дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон хатмкардагони факултети технология ва дизайн аз рӯи ихтисосҳои гуногун дар корхонаҳои саноатии мамлакат, вазорату идораҳо кору фаъолият намуда ба дараҷаи хатмкардаи муваффақ ноил гаштаанд. Аз ҷумла: Раҳмонов Д.Н.-ихтисоси 0720 – метрология, стандартизатсия ва сертификатсия (саноати сабук) – ёрдамчии вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бозоров А.Ш. ва Раҳимов А.Ш. – мутахассиси пешбари Агентии “Тоҷикстандарт”, Кучкалиев У.М., Ниёзова М.М., Имронова Н.М. –дизайн тарроҳи сатҳи байналмилалӣ, инчунин даҳҳо нафар хатмкардагони ихтисосҳои самти дизайн ва тарроҳии либос дар давлатҳои Русия, ИМА, Полша ва дигар кишварҳо ба ҳайси дизайни тарроҳ кору фаъолият доранд. Хатмкардагони муваффақи ихтисосҳои факултет: Шералиев Д.А. –н.и.таърих, ноиби ректори ДСТ ва Д, Яминзода З.А. –д.и.т., дотсент, декани факултети муштараки Полотски Ҷумҳурии Беларус ва Тоҷикистон, Ҷалилов Ф.Р. –н.и.т., дотсент, мудири кафедраи технологияи маснуоти нассоҷӣ, Ҳакимова З.Ғ., Бобиев О.Ғ. –н.и.т., дотсенти кафедра, Содиқова С.М.,Сафарова З.Н., Олимбойзода П.М. –н.и.т., дотсенти кафедраи дизайни либос ва санъати мӯд ва дигарон, ки ба ҳайси кормандони илмӣ-омӯзгорӣ дар кафедраҳои тахассусии донишгоҳ фаъолият намуда истодаанд.

Таҷрибаомӯзии донишҷӯёни курсҳои 3 ва 4 дар корхонаҳои саноатии дар шаҳри Душанбе воқеъбуда, бахусус дар корхонаҳои типи нав, ки бо дастгоҳҳои муосир таҷҳизонида шудаанд, гузаронида мешаванд.

Ҳамин тавр, дар айни ҳол мутахассисони соҳаи саноати сабуки Донишгоҳи технологии Тоҷикистон оид ба рушди соҳа масъулияти баланд ҳис намуда, техника ва технологияи навини соҳаро аз худ менамоянд ва шогирдонро меомӯзонанд. Мутахассисони зинаи бакалавриат, магистрҳо ва докторантони PhD –ро дар сатҳи баланди касбӣ омода намуда барои фаъолият кардан дар корхонаҳои соҳаи саноати сабук роҳбаладӣ менамоянд.

Довталабони гиромӣ, садорати факултети технология ва дизайни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо боварии комил гуфта метавонад, ки агар Шумо ихтисосҳои самти технологии соҳаи саноати сабукро интихоб карданӣ бошед, ҳайати профессорону омӯзгорон барои амалӣ гардонидани орзуҳои Шумо, ки мутахассиси баландихтисоси ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ ҷавобгӯ будан аст, тамоми донишу малакаи касбии хешро ба харҷ медиҳанд.

**Холназар ИБРОҲИМОВ,**
**доктори илмҳои техникӣ, профессор,**
**декани факултети технология**
**ва дизайни ДТТ**

Фановар
Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.
САРМУҲАРРИР: Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя:
Раҳмонзода З.Ф.,Тошматов М.Н., Ғаффоров А.А., Бобоев Х.Б., Ғаффоров Ф.М., Абдумуминзода С.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

Рӯзнома 27 декабри соли 2023 таҳти № 409/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ба ҳисоб гирифта шудааст.

Рӯзнома дар ҶДММ «Мега-принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 1500 нусха